*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодӣ буда, ба беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон ва ҷамъият дар умум нигаронида шудааст.

Бояд зикр намуд, ки соҳаи иҷтимоӣ дар рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ, фароҳам овардани шароит барои зиндагии шоиста, ба даст овардани адолати иҷтимоӣ ва таъмини суботи иқтисодӣ нақши бунёдӣ дорад.

Дар воқеъ ислоҳоти соҳаи иҷтимоӣ ва тамоюлҳои муосири рушди он нишон медиҳад, ки дар шароити гузариш ба модели нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ, мубрам гардонидани масъалаҳои гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва тавсеаи равандҳои рақамикунонӣ таҷдиди назари илмӣ ва амалии механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоиро зарур мешуморад. Пайваста ба равандҳои дигаргунсозии марбут ба такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ, инчунин таҳияи воситаҳои институтсионалӣ ва методии ҳифзи иҷтимоӣ, таъмини иҷтимоӣ ва рушди мутаносиби соҳаҳои иҷтимоӣ муносибати мутаносибро ба ҳалли ин масъала тақозо мекунанд.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқшаванда муҳим ва саривақтӣ мебошад. Боиси тазаккур аст, ки дар автореферати мазкур мақсад, объект, предмет, усулҳои таҳлил, арзёбӣ, барассии масъалаҳо, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳои илман асоснок дарҷ карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаву тавсияҳо оид ба такмили низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ пешниҳод гаштаанд.

Дар баробари он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбиро дорост, инчунин камбудиҳо ва нофаҳмиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1. Дар автореферат механизмҳои дастгирии давлатии соҳаи иҷтимоӣ пурра тавзеҳ дода нашудааст.
2. Муаллиф дар расми 11 раванди бисёрҷанбаи ташаккул ва рушди соҳаи иҷтимоиро нишон додааст, аммо таҳкими минбаъдаи онро асоснок накардааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае хосияти тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Гафарзода Мавҷуда Тахир дар мавзуи «Такмили механизми дастгирии давлатӣ ва танзими соҳаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмњои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини якум, муовини ректор оид
ба таълими Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирсаидов С.А.

Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов С.А.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроғаи донишгоҳ: 734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов,
64/14. Тел.+ 992 37 231 0843
**E-mail: surush-sa@mail.ru**